## ФАРМОИШИ
## РАИСИ КОМИССИЯИ ОЛИИ АТТЕСТАТСИОНИИ
## НАЗДИ ПРЕЗИДЕНТИ ҶУМҲУРИИ ТОҶИКИСТОН

аз «06» 08 соли 2024 № 283/м ш. Душанбе

*Дар бораи бақайдгирии маҷаллаи*
*илмӣ дар Феҳристи маҷаллаҳои (нашрияҳои)*
*илмии тақризшавандаи Ҷумҳурии Тоҷикистон*

Мутобиқи сархати 4 банди 18 Низомномаи муассисаи давлатии «Комиссияи олии аттестатсионии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон» (фармони Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 10 ноябри соли 2021, №270),

ФАРМОИШ МЕДИҲАМ:

1. Маҷаллаи илмии «Муносибатҳои байналмилалӣ ва амният»-и Маркази тадқиқоти стратегии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон (ISSN: 2090-3567) ба Феҳристи маҷаллаҳои (нашрияҳои) илмии тақризшавандаи Ҷумҳурии Тоҷикистон ворид карда шавад.

2. Дар маҷаллаи мазкур нашри маводи илмӣ аз рӯйи самти илмҳои 08.00.00 – Илмҳои иқтисодӣ, 09.00.00 – Илмҳои фалсафа ва 23.00.00 – Илмҳои сиёсӣ иҷозат дода шавад.

3. Мудири шуъбаи аттестатсионии илмҳои ҷамъиятӣ-гуманитарӣ (Вализода Ҳ.С.) вазифадор карда шавад, ки дар мӯҳлати то 10 рӯз, аз рӯзи ба имзо расидани фармоиши мазкур, ҷиҳати ҷойгир намудани нусхаи он дар сомонаи Комиссия тадбирҳои зарурӣ андешад.

4. Назорати иҷрои фармоиши мазкур ба зиммаи муовини раиси Комиссия Шарифзода М.М. вогузор карда шавад.

Асос: қарори Раёсати Комиссияи олии аттестатсионии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 31 августи соли 2024, №8

КОМИССИЯИ ОЛИИ АТТЕСТАТСИОНИИ НАЗДИ ПРЕЗИДЕНТИ ҶУМҲУРИИ ТОҶИКИСТОН
НУСХА БА АСЛАШ БАРОБАР АСТ

Раис Давлатзода С.Х.